# Маълумоти оммавӣ оид ба Қарзҳо

**ҶДММ ТАҚХ «ФИНКА» барои рушди фаъолият ва мақсадҳои истеъмолӣ маҳсулоти гуногуни қарзӣ пешниҳод менамояд.**

**Усули баргардонидани қарз**

Ҳама қарзҳои ҷорӣ, ба истиснои маҳсулоти қарзии «Молҳо ва хизматрасониҳо бо қарз», тибқи усули аннуитет пардохт карда мешаванд, яъне система ҷадвали пардохти қарзро таъсис медиҳад, ки пардохти қарзи асосӣ ва фоизҳои қарзро бо маблағҳои баробар дар фосилаҳои баробари вақт дар бар мегирад. Мӯҳлати пардохт як моҳи тақвимӣ мебошад. 1 соли тақвимӣ ба ҳисоби 360 рӯз гирифта мешавад.

**Ҷаримаҳо барои батаъхиргузорӣ:**

- Барои сари вақт пардохт накардан ё пардохти нопурра ҷарима ситонида мешавад. Барои ҳар як рӯзи таъхири пардохт аз рӯи қарзи асосӣ ё фоизҳо ба андозаи дар шартнома муқарраршуда ҷарима ситонида мешавад.
- Ҷарима аз рӯйи маблағи қарзи асосӣ ва фоизҳое, ки тибқи ҷадвали пардохтҳо ба таъхир афтодаанд, ҳисоб карда мешавад.
- Дар сурати ба таъхир афтодан, ҳангоми гирифтани маблағ, пеш аз ҳама он барои баргардонидани пардохтҳои батаъхирафтода (ҷаримаҳо), фоизҳо аз рӯйи қарз ва баъдан барои пардохти қарзи асосӣ равона карда мешавад.
- Қарздиҳанда ҳуқуқ дорад пардохти қарзро бо асъори дигар (сомонӣ, доллари ИМА, евро ва рубли русӣ) бо қурби асъор, ки дар санаи пардохти қарз аз ҷониби Қарзгир ва қобили қабул будани мавқеи асъор муқаррар шудааст, қабул намояд.

**Таърихи қарз:**

- Таърихи қарз – иттилооти мусбат ё манфии иҷрои ўҳдадориҳои субъекти таърихи қарз аз рўйи шартномае, ки дар Бюрои таърихи қарз нигоҳ дошта мешавад. Таърихи мусбати қарз далели муносибати матлуб нисбати идоракунии молия ва иҷрои саривақтии ўҳдадориҳои молиявӣ мебошад.
- Барои пешниҳоди маълумот ба бюрои таърихи қарз, муштарӣ розигии худро медиҳад: «Ман медонам, ки иттилооти қарзии ман ба бюроҳои қарзӣ фиристода мешавад ва ман розӣ ҳастам, ки маълумот дар бораи ман ба бюроҳои қарзӣ дастрас бошад». Барои ин, мутахассисони мо аз шумо хоҳиш мекунанд, ки варақаи махсуси тасдиқи ризоиятро пур кунед.

**Аз суратҳисоби шумо хориҷ кардани пардохтҳои батаъхирафтода:**

- Ҳангоми фаро расидани мӯҳлати пардохти фоизҳо ва қарзи асосӣ аз рӯи ҷадвали пардохт, инчунин вайрон кардани шартҳои шартнома аз ҷониби шумо (саривақт пардохт накардан), мо ҳуқуқ дорем маблағи пардохти батъхирафтода ва ҷаримаҳои ҳисобшудаи бо шартнома пешбинишударо ба таври худкор аз суртҳисоби шумо ситонем.
- Дар сурати саривақт напардохтани қарз, мо ҳуқуқ дорем молу мулки ба гарав гузошташудаи шуморо барои пӯшонидани қарзи додашуда, фоизҳо ва дигар пардохтҳо (ҷаримаҳо) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷбуран ситонем.

**Дархости маълумот доир ба қарз:**

- Шумо метавонед аз мо маълумотнома дар бораи иҷрои ӯҳдадориҳои қарзӣ (хаттӣ ё шифоҳӣ), маълумотнома дар бораи бақияи қарз, дар бораи пардохти маблағи қарзи асосӣ, фоизҳо ва ҷаримаҳоро дархост рнамоед.

**Меъёри фоизии номиналӣ** – меъёри фоизии солонаи қарз аз рӯйи маблағи додашуда, меъёрест, ки аз рӯйи он даромади моҳона ҳисоб карда мешавад.

**Меъёри самараноки фоизии солона –** ин маблағи ҳамаи пардохтҳои (баргардонидан) мунтазам мебошад, ки қарзгир бояд пардохт кунад. МСФС фоизҳои номиналӣ тибқи шартномаи қарз, инчунин тамоми хароҷоти иловагӣ, аз ҷумла ҳаққи комиссияро аз рӯйи қарз дар бар мегирад.

| **Ҳисоб кардани маблағи фоизҳо аз рӯи қарз:** | **Ҳисоб кардани меъёри самараноки фоизии солона (МСС):** |
|---|---|
| **S = (k * r * t) / D**<br><br>• S – маблағи фоизҳои ҳисобшуда аз рӯйи қарз;<br>• k – бақияи қарз;<br>• r – меъёри самараноки фоизии солонаи қарз;<br>• t – миқдори рӯзҳои истифодашудаи қарз;<br><br>D - миқдори рӯзҳои тақвимӣ дар давоми сол (360). | **IRR = (Pt / (S + F)) ^ (1/t) – 1**<br><br>• Pt – пардохтҳо дар давра t;<br>• t - (1, ..., N) миқдори давраҳо (сана, моҳ ва сол);<br>• S - маблағи қарзи додашуда;<br>• F - хароҷоти хизматрасонӣ ҳангоми гирифтани қарз;<br><br>IRR - меъёри самараноки фоизии солонаи қарз. |

**Намунаи ҳисоб кардани ҷадвали пардохт**

| Маблағи тасдиқшудаи қарз: **10000.00** | | | Меъёри фоизи солона: **28,00%** | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҳаққи хизматрасонӣ (комиссия): **1%** | | | Меъёри самараноки фоизии солона: **30,31%** | | |
| № пардохт | Таърихи пардохт | Маблағи пардохт оиди баргардонидани карз, Сомонӣ | Маблағи пардохти фоизхо ва ҳаққи хизматрасонӣ, Сомонӣ | Маблағи умумии пардохт, Сомонӣ | Бақияи қарз, Сомонӣ |
| 1 | 14.02.2024 | 0 | 100.00 | | |
| 1 | 14.03.2024 | 739.50 | 225.56 | 965.06 | 9260.50 |
| 2 | 14.04.2024 | 741.78 | 223.28 | 965.06 | 8518.72 |
| 3 | 14.05.2024 | 766.29 | 198.77 | 965.06 | 7752.43 |
| 4 | 14.06.2024 | 778.14 | 186.92 | 965.06 | 6974.29 |
| 5 | 14.07.2024 | 802.33 | 162.73 | 965.06 | 6171.96 |
| 6 | 14.08.2024 | 816.25 | 148.81 | 965.06 | 5355.71 |
| 7 | 14.09.2024 | 835.93 | 129.13 | 965.06 | 4519.78 |
| 8 | 14.10.2024 | 859.60 | 105.46 | 965.06 | 3660.18 |
| 9 | 14.11.2024 | 876.81 | 88.25 | 965.06 | 2783.37 |
| 10 | 14.12.2024 | 900.11 | 64.95 | 965.06 | 1883.26 |
| 11 | 14.01.2025 | 919.65 | 45.41 | 965.06 | 963.61 |
| 12 | 14.02.2025 | 963.61 | 23.23 | 986.84 | 0 |
| | **Ҳамагӣ** | **10000.00** | **1602.50** | **11602.50** | |